**Тақризи**

**беруна ба фишурдаи рисолаи диссертатсионии Ҳайдарова Сурайё Абдурозиқовна "Худшиносии миллӣ ва ҳофизаи таърихӣ дар романи "Гардиши девбод"- и Абдулҳамид Самад" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филология аз рӯйи ихтисоси 10. 01. 01.- Адабиёти тоҷик**

Абдулҳамид Самад яке аз нависандагони мумтоз ва соҳибсалиқаи муосири тоҷик ба ҳисоб рафта, ба василаи эҷодиёти арзишманди хеш дар рушди минбаъдаи адабиёти ҳам даврони шӯравӣ ва ҳам замони истиқлолият саҳми қобили таваҷҷуҳро барҷой гузоштааст. Вай тавассути осори гуногунҳаҷми насрии хеш монанди "Баъд аз сари падар", "Косаи давр", "Паррончакҳо", "Ду гусел", "Ҳазл", "Пиёлаи шикаста", "Аспи бобом", "Ҳавои тирамоҳ", "Рӯдапо", "Сарлашкар", "Маҳбус", "Шаҳдрези садо", романи дуҷилдаи "Гардиши девбод" ва монанди инҳо дар адабиёти муосири тоҷик маъруф гардида, номи хешро дар саҳифаи заррини насри тоҷик сабт намудааст.

Эҷодиёти Абдулҳамид Самад, махсусан, дар адабиётшиносии даврони истиқлолият аз ҷониби мунаққидону аҳли таҳқиқ мавриди пажуҳиш қарор гирифта, паҳлуҳои гуногуни осори вай дар шакли мақолаҳову китобҳои хурду бузург ва, ҳамчунин, рисолаҳои диссертатсионӣ ба саҳнаи илму таҳқиқ пешниҳод гардидаанд. Яке аз пажуҳишҳои нисбатан арзишманд, пурмуҳтаво ва фарогиртар дар иртибот бар эҷодиёти Абдулҳамид Самад таҳқиқоти унвонҷӯ Ҳайдарова Сурайё Абдурозиқовна зери унвони "Худшиносии миллӣ ва ҳофизаи таърихӣ дар романи "Гардиши девбод"- и Абдулҳамид Самад" ба ҳисоб меравад, ки барои ҳимоя ба Шӯрои диссертатсионӣ пешниҳод гардида ва мо алҳол фишурдаи онро мавриди бозрасӣ қарор дода истодаем.

Фишурдаи рисолаи диссертатсионии Ҳайдарова С.А. дар мувофиқат бо талаботу меъёрҳои пешбининамудаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон навишта шуда, чи аз ҳайси сохтор ва чи аз ҳайси дарбаргирии мавзӯъ ҷавобгӯ бар стандарти давлатӣ аст. Ҳам нусхаи тоҷикӣ ва ҳам тарҷумаи русияш аз ҳайси ҳаҷм ба меъёри пешниҳодшудаи умумӣ мутобиқат доранд. Дар он талаботи асосӣ барои таҳияи як фишурдаи илмӣ барои рисолаи диссертатсионӣ амсоли: аҳаммияти мавзӯъ, дараҷаи омӯзиши мавзӯъ, мақсаду вазифаҳои таҳқиқ, сарчашмаҳои таҳқиқ, навгониҳои таҳқиқ, аҳаммияти илмӣ-назариявии таҳқиқ, аҳаммияти амалии таҳқиқ, асосҳои назариявӣ ва методологии таҳқиқ, нуктаҳои асосии таҳқиқ ва монанди инҳо риоят гардидаанд.

Муаллифи фишурда дар робита ба муҳиммияти мавзӯи таҳқиқ дуруст қайд намудааст, ки масъалаи худшиносӣ ва ҳофизаи таърихӣ дар романи "Гардиши девбод"- и Абдулҳамид Самад басо барҷаставу возеҳ инъикос ёфта, таҳқиқу баррасии ин мавзӯъ аз масоили тадқиқнашудаи адабиётшиносии муосири тоҷик маҳсуб мешавад. Ҳарчанд ки ба тадқиқи паҳлуҳои гуногуни ҳаёт ва фаъолияти эҷодии Абдулҳамид Самад адабиётшиносону мунаққидони зиёде ба монанди Муҳиддин Хоҷаев, Соҳиб Табаров, Х. Шарифов, А. Сайфуллоев, Ш. Исмоилов, Ҷ. Бақозода, А. Абдуманнонов, М. Имомов ва ғ. машғул гаштаанд, чунонки инро худи унвонҷӯ дар қисмати дараҷаи омӯзиши мавзӯъ дар фишурдааш овардааст, аммо ҳақиқат ин аст, ки маҳз масоили дақиқу алоҳидаи романи дуҷилдаи "Гардиши девбод"- и нависанда ва, махсусан, масъалаҳои худшиносӣ ва алоими сабти ҳофизаи таърихӣ дар асари мазкур бори нахуст аз ҷониби муҳаққиқи ҷавон Ҳайдарова С. маҳалли таҳқиқи ҷиддӣ воқеъ шуда ва бо тарҳи наву тоза ба саҳнаи адабиётшиносии тоҷик пешниҳод гардидаанд.

Чунонки аз фишурда дида мешавад, таҳқиқоти унвонҷӯ фарогири се боб якҷо бо фаслҳои ҷудогуна, хулоса ва феҳристи адабиёти истифодашуда буда, дар маҷмӯъ 152 сафҳаи компиютериро дар бар мегирад. Ҳар се боб бо муҳтавои умумии кор робитаи ногусастанӣ дошта, мундариҷаи матраҳнамудаи муаллифи онро фаро мегиранд. Дар фишурда бобҳои рисола ва фаслҳои он ба таври басо мӯҷазу дақиқ баррасӣ гардида, ҷавҳари таҳқиқот дар он ба таври возеҳ инъикос гардидааст. Унвонҷӯ тавониста, ки дар баррасии ҳар боб муҳтавои асосии онро мавриди назар қарор дода, таҳқиқоти худро бо мавзӯи зирабти он тамаркуз бидиҳад. Аз ин нигоҳ, бояд эътироф намуд, ки дар таҳқиқу баррасии ҳамаи бобҳо як навъ мутамарказияти умумии фикр риоя гардида, дар онҳо ҳеҷ навъ мавзӯъситезиву мундариҷагурезӣ ба дида дарнамеояд. Дар боби якум, ки ба зиндагиномаи мухтасар ва баррасии эҷодиёти Абдулҳамид Самад ихтисос ёфтааст, унвонҷӯ дар атрофи аҳвол ва осори нависанда, мароҳили рушду инкишофи насри Абдулҳамид Самад таҳқиқот бурда, риштаи онро басо ҳунармандона бо мавзӯи асосӣ, ки рабт бар романи "Гардиши девбод" дорад, пайванд додааст ва бо ин тариқ миёни мавзӯи умумии боб ва мавзӯи асосии таҳқиқ як навъ пайванди мантиқиро муҷро гаштааст. Дар боби дувуми таҳқиқот унвонҷӯ тавониста таҷассумоти бадеии таърих ва ҳаводиси қабл аз истиқлолияту даврони истиқлолиятро дар романи "Гардиши

девбод” муҳаққиқона баррасӣ намуда, оинаи аслии асари мазбурро дар пешорӯйи аҳли таҳқиқ ҷилвагар намояд.

Дар боби охир, ки ихтисос бо таҳқиқи хусусиятҳои миллии романи “Гардиши девбод” дорад, унвонҷӯ тавониста, то асоситарин алоими тасвири адибонаро дар робита бо суннатҳои мардумӣ, худшиносии миллӣ, ҳофизаи таърихӣ ва сабки фардии муаллифи асар баррасӣ намояд. Унвонҷӯ дар ин маврид арзишҳои миллии асарро басо борикбинона дарёфта, ҳар яке аз онҳоро бо ковишҳову пӯйишҳои қобили таваҷҷуҳ дар риштаи пажуҳиш кашидааст.

Дар қисмати хулосаи фишурда нуктаҳои асосӣ ва муҳтавои таҳқиқ ба таври дақиқу мушаххас матраҳ гардидаанд, ки ҳамагӣ эътимодбахш мебошанд. Теъдоди мақолаҳои чопнамудаи унвонҷӯ ҳам сазовори бозгӯйиянд, чун теъдоди мазкур нишондоди меъёриро ҳам убур менамояд, ки ин ҷиҳати мусбати кор хоҳад буд.

Забони фишурда ва усули таҳлилу таҳқиқи масоили матраҳнамудаи муаллифи он низ қобили ситоишанд ва мутобиқат бо сатҳи илму осори пажуҳишӣ доранд. Ягона эроде, ки дар фишурда ба назар мерасад, ба андешаи мо, ин наовардани адабиёти истифодашуда дар қисмати анҷоми фишурда мебошад. Хуб мешуд, муаллиф номи осори мустафоди худро на дар қисмати поёни саҳифаҳои фишурда, балки дар охири худи фишурда ба таври умумӣ меовард ва дар ин маврид меъёрситезӣ намекард. Овардани китобнома дар охири фишурдаи рисолаи диссертатсионӣ, ки дар илми муосир яке аз анвои алоҳида ва ҷиддии кори илмӣ маҳсуб мешавад, ҳатмӣ аст ва, аз сӯйи дигар, китобнома яке аз васоити асосии тазайюноти рӯсохтӣ ё зинаткории он маҳсуб хоҳад шуд, ки адами таваҷҷуҳи он иллати коостагии онро ба бор хоҳад овард.

Аммо, бояд қайд кард, ки дар арзиши умумӣ фишурдаи рисолаи диссертатсионии Ҳайдарова Сурайё Абдурозиқовна “Худшиносии миллӣ ва ҳофизаи таърихӣ дар романи “Гардиши девбод”- и Абдулҳамид Самад” сазовор барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филология аз рӯйи ихтисоси 10. 01. 01.- Адабиёти тоҷик буда ва муаллифи он лоиқи дараҷаи мазкури илмӣ мебошад.

*Д.и.ф., профессори кафедраи забони тоҷикии ДДМИТ:* *Саидҷаъфаров О.Ш.*

*Имзои Саидҷаъфаров О.Ш.- ро тасдиқ менамоям.*
*Сардори шуъбаи кадрҳои ДДМИТ:* *Раҷабов Б.С.*